# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 12.04.2024, №36**

Барои сазовор донистани Ибодов Аваз Ҳасанович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 07 феврали соли 2024, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №49 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/шд таъсис дода шудааст.

Аспирант Ибодов Аваз Ҳасанович**,** соли таваллудаш 04.04.1990 с., миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ба ҳайси эксперти маҳаллӣ, сардори бахши ташаккули маърифати молиявии Фонди хазинаҳои амонатгузорӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (German Sparkassenstiftung) фаъолият менамояд.

Ибодов Аваз Ҳасанович соли 2008 ба шуъбаи рӯзонаи факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси системаҳои иттиллоти дар иқтисодиёт дохил шуда, соли 2013 донишгоҳи номбурдаро хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии худро солҳои 2014-2016 ҳамчун корманди қарзии дар ҶСП “Аксесс Бонк” Тоҷикистон оғоз намуда фаъолият намудааст.

Номбурда солҳои 2014-2022 ҳамчун аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи системаҳои иттилооти дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳсил кардааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ибодов Аваз Ҳасанович тибқи фармони ректори Донишгоҳи милли Тоҷикистон таҳти рақами 441-05 аз 16.11.2020 тасдиқ шудааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 4(хуб), протоколи №227-05 аз 07.06.2014, таърих ва фалсафаи илм 5 (аъло), протоколи

№396-05 аз 23.10.2020 ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло), протоколи № аз 28.06.2022 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супоридааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара;

**- Сайфуллозода Сулаймон Сайфулло** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини раиси раёсати ҶСП «Спитамен Бонк», ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Миразизов А.Ҳ. таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарз баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №8, аз 07.03.2024) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон д.и.и., профессор Файзулло Машраб Қурбоналӣ тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ», кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқарар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ибодов Аваз Ҳасанович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 8 интишороти илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## РӮЙХАТИ КОРҲОИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М] Ибодов, А. Х. Необходимость повышения финансовой грамотности населения в современных условиях / А. Х. Ибодов // Вестник Таджикского

государственного университета коммерции. –Душанбе, 2020. – № 4-2(34). – С. 95-107. ISSN 2308-054X.

[2-М] Ибодов, А. Ҳ. Таҳаввулоти назариявии ташаккули маърифати молиявӣ / А. Ҳ. Ибодов, И. Р. Иброҳимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. – No 3-2. – С. 61-68. ISSN 2413-5151.

[3-М] Ибодов А.Ҳ. Оид ба масоили ҷалби пасандозҳои хонаводаҳо ба низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Ҳ. Ибодов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – №6. – С. 91-97. ISSN 2413-5151.

[4-М] Ибодов А.Ҳ. Таҳқиқи омилҳои таъсирбахш ба раванди ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ / А.Ҳ. Ибодов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2023. – №11. – С. 57-65. ISSN 2413-5151.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[5-М] Ибодов А.Ҳ. Масъалаҳои методологии ташаккули маърифати молиявӣ// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёти миллӣ, Душанбе, 2022. - С. 78-86.

[6-М] Ибодов А.Ҳ. Ҳолатҳои кунунӣ ва муаммоҳои рушди иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон// Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, 2022. – С. 26-32.

[7-М] Ибодов А. Х. Роль банков развития в стабильности национальной экономики// Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии арбоби илм ва техникаи ҶТ, д.и.и., профессор Уроқов Д.У. дар мавзуи «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ», Душанбе, 2022. – С. 744-748.

[8-М] Ибодов А.Ҳ. Самтҳои афзалиятноки ташкили маърифати молиявӣ дар рушди низоми бонкӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ»// Душанбе, 10уми феврали соли 2023. – С. 5-16.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Асрорзода У.С. - д.и.и., дотсент, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** чунин эрод гирифтааст: 1. Дар автореферати диссертатсия аз ҷониби муаллиф бениҳояд миқдори зиёд ҷадвал, расм ва диаграммаҳо ҷой карда шудаанд, метавонист онҳоро дар шакли замима ба диссертатсия пешниҳод менамуд ва дар автореферат бошад миқдори онҳоро кам мекард.

**2. Каримова М.Т. доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1) Дар банди дуюми навгонии илмӣ омадааст, ки "ба раванди баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ метавонад омилҳои гуногун таъсир расонад", аммо шарҳи онҳо дар автореферат пурра дарҷ нагардидааст.

2) Дар саҳифаи 49 (расми 4)-и автореферат самтҳои асосии таҳкими маърифати молиявии аҳолӣ нишон дода шудааст, вале номгӯи онҳоро боз ҳам идома додан мумкин буд.

**3. Алиҷонов Д.А. - д.и.и., дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**, бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1. Хуб мешуд, агар дар ҷадвали 5 "Нишондиҳандаҳои пулии даромад, хароҷот ва имконияти пасандозгузории аҳолӣ" (с. 16) коэффитсиентҳои рафтории майли миёна ва интихобӣ ба пасандозкунӣ ва истеъмолот ҳисоб карда мешуд. Зеро маҳз ҳамин коэффитсиентҳо метавонад оид ба имконоти пасандозгузарии ҳаолӣ иттилооти заруриро таъмин намояд.

2. Сатҳи илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мешуд, агар аз тарафи муаллиф музди меҳнати номиналӣ ва аслӣ вобаста ба минтақаҳои Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода мешуд.

**4. Наимов Б.Қ. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав**, бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1. Дар автореферат вобаста ба мушкилотҳои имрузаи низоми бонкӣ ва нигаҳдории устувории он дархосту пешниҳодҳои худро мушаххас менамуд.

2. Таъмини устувории суботи бонкӣ ва низоми бонкӣ дар алоҳидагӣ бояд таҳқиқ менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи баланд бардоштани маъриафти молиявии аҳолӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илмию амалии ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ ва арзёбии таъсири он ба рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шуда, вазифаҳои асоси баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ муайян ва нақши маърифати молиявии аҳолӣ дар таҳким ва ташаккули нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ асоснок карда шудааст.

- ***пешниҳод шудааст:*** таърифи муаллифии маърифати молиявии аҳолӣ баррасӣ шуда, нуктаҳои муҳими фарққунандаи он таҳқиқ шуда, аҳамияти он дар пешбурди фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзӣ ошкор гардида, ҷиҳати инъикоси бештари он нуқтаи назари муаллиф мушаххасан пешниҳод карда шудааст.

- ***исбот шудааст,*** ки дар баландбардории сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ давлат нақши калидиро иҷро менамояд.

- ***ҷорӣ намудани*** таҷрибаи хориҷӣ бо мақсади баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон **пешниҳод шудааст:** а) ҷалби таваҷҷуҳи шаҳрвандон ба масъалаи маърифати молиявӣ; б) баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон оид ба зарурати такмили дониши молиявии худ; в) таъмини амнияти иқтисодии хонаводаҳо; г) тарбияи фарҳанги қабули қарорҳои масъулиятноки мустақилонаи хонаводаҳо дар соҳаи иқтисод ва молия; д) ташаккули тафаккури нав дар байни шаҳрвандон дар заминаи рафтори фаъоли иқтисодӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ақидаҳои назариявии мактабҳои иқтисодӣ, олимони ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба ташаккули маърифати молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ***ҷамъбаст гардида***, таҳқиқоти методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун пойгоҳи маълумотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳои дигар оид ба масоили ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ, таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии ташаккули маърифати молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

- ***методикаи*** таҳлили моҳияти маърифати молиявии аҳолӣ пешниҳод, нуктаҳои муҳими фарққунандаи он таҳқиқ шуда, аҳамияти он дар пешбурди фаъолияти молиявии ташкилотҳои қарзӣ ошкор ва ҷиҳати инъикоси бештари он нуқтаи назари муаллиф мушаххасан пешниҳод карда шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***баён шудааст,*** ки аҳолии аз нигоҳи маърифати молиявӣ баркамол метавонад бо низоми бонкӣ ҳамкории густурдаро роҳандозӣ намуда, ҳам худаш даромад ба даст орад ва ҳам нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкиро афзоиш дода бо ҳамин, дар таъмини суботи молиявии он нақши асосиро ба зимма дошта бошад.

- ***ошкор гардидани*** хусусиятҳо ва равишҳои муосири ташаккули маърифати молиявии аҳолӣ, тамоюлҳои даромаднокии хонаводаҳо дар ҷумҳурӣ, дараҷаи дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳову маҳсулотҳои бонкӣ дар ҳудуди мамлакат ва раванди ташаккули даромаднокии аҳолӣ ва таъсири он ба сандуқи қарзии ташкилотҳои молиявӣ.

- ***омӯхта шуданд:*** 1) методологияи баҳодиҳии раванди маърифати молиявии аҳолӣ ва муайян намудани сатҳи он ва самтҳои асосии он, ки дар маҷмуъ ба баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ мусоидат менамояд; 2) тасдиқ шудааст, ки ҳар як оила бо воситаи даромади худ метавонад ба ташкилотҳои қарзӣ ҳиссаи мушаххасеро гузорад; 3) исбот шудааст, ки дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ метавонад савияи донишҳои молиявии аҳолиро тақвият бахшад ва ҳаҷми сандуқи пасандозии низоми бонкиро афзоиш диҳад.

- ***аз нав такмил додани методикаи*** тамоюлҳои мавҷудаи сатҳи маърифати молиявӣ ва нақши ташкилотҳои молиявию қарзии кишвар дар он, илман асоснок кардани самтҳои ташаккулу рушди он дар танзими низоми молиявӣ, гурӯҳбандии омилҳои таъсиррасон (1) омилҳои демографӣ ва сиёсӣ; 2) омилҳои фарҳангӣ ва равонӣ; 3) омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ).

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Муомилоти пул ва қарз», «Танзим ва назорати бонкӣ», «Баҳогузории фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода шудаанд (санади татбиқи натиҷаҳо аз 25.09.2023 таҳти №587-а). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд (санади татбиқи амалӣ аз БМТ аз 17.10.2023 таҳти №29).

- ***муайян карда шуд***, ки барои баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолии Тоҷикистон бояд дар тамоми қаламрави мамлакат, аз ҷумла сатҳи дахлдори рушди зерсохтори муассисаҳои молиявӣ муҳити мусоид фароҳам оварда шавад. Аз ҷумла: 1) таъсиси портали ягонаи маҷозӣ барои аҳолии кишвар, ки дорои маводи таълимӣ мебошанд, имкон медиҳад, ки сатҳи маърифати молиявии шаҳрвандон баланд бардошта шавад; 2) таъсиси Маркази ташаккул ва рушди маърифати молиявӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон, ки метавонад масъалаҳои баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолиро таҳқиқ намуда, мушкилоти мавҷударо муайян кунад ва тавсияҳо оид ба ҳалли онҳоро таҳия намояд.

- ***офарида шуд:*** бо истифода аз усули модели қатори вақтӣ дурнамои шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 муайян ва ҳамасола чи миқдор аҳолӣ пас аз ҷорӣ кардани фанни мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти

миёна аз маърифати молиявӣ бархурдор мегардад. Маълум гардид, ки худи аҳолӣ дар ҳудуди то 2% ҳамасола меафзояд, вале дорандагони маърифати молиявӣ бошад, аз рӯи прогрессияи арифметикӣ афзоиш ёфта, ин сенарияи хаттӣ буда, дар сенарияҳои экпонентавӣ афзоиш ба тариқи прогрессияи геометрӣ буда метавонад.

-***муаррифӣ карда шуданд:*** 1) дурнамои даромади оилаҳои бидуни маърифати оилавӣ ва баъди маърифатнок гаштани аҳолӣ; 2) дурнамои маҷмуи хароҷоти миёнаи якмоҳа ба як аъзои хонавода; 3) дурнамои даромад ва пасандозҳои аҳолӣ дар асоси муодилаҳои хати рост ва хати экспонентавӣ. Ҳисоб карда шудааст, ки ҳангоми аз маърифати молиявӣ бархурдор набудани аҳолӣ даромади онҳо аз рӯи хати рост инкишоф ёфта, баъди аз маърифати молиявӣ бархурдор гардидан, даромадҳои онҳо аз рӯйи хати экспонентавӣ меафзояд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба маъриафти молиявӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки ин омилҳои таъсиргузор ба сифати маъриафти молиявии аҳолӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

-***ғоя*** дар он инъикос меёбад, ки маърифати молиявии аҳолӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти хоҷагидорӣ ба шумор рафта, дар таъмини рушди низоми бонкӣ ва таҳкими суботи молиявии ташкилотҳои молиявии мамлакат аҳамияти бунёдиро доро мебошад. Баландбардории маърифати аҳолӣ, на танҳо дар ҷалби пасандоз ба низоми бонкӣ, балки ба ҳамкории густурдаи аҳолӣ бо ташкилотҳои молиявии мамлакат замина гузошта, устувории молиявии низоми бонкиро тақвият мебахшад.

-***истифодаи*** курсҳои кӯтоҳмуддат, ташкили семинарҳо миёни аҳолӣ, гузаронидани тренингҳо, ташкили курсҳои омӯзишии кӯтоҳмуддат дар минтақаҳо, ҷалби бештари ташкилотҳои қарзӣ барои омӯзонидани истифодаи маҳсулотҳои бонкӣ ва дигар амалҳо барои аҳолии Тоҷикистон тавсия шудааст.

-***муайян карда шуд,*** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 89,97% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар:** 1) муаллиф, бо он ки вобастагии рушди низоми бонкиро аз сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ исбот кардааст, дар такмили назарияи мазкур бо ворид намудани хусусиятҳои хоси равандҳзои молиявӣ дар Тоҷикистон саҳми худро гузоштааст; 2) ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии арзёбии нишондиҳандаҳои асосии ташаккули маърифати молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он коркард, таҳлил ва то сатҳи тавсияҳои илман асоснок бароварда шудаанд; 3)

натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои молиявӣ, метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд; 4) иҷрои нақшаи таҳқиқот барои интихобу таҳия ва асосноккунию ва мубрамии мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мустақиман аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст; 5) дар омода намудани 8 мақола, аз он ҷумла 4-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии идоракунии дороиҳои бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 4.2; 4.4; 4.5; 4.6 ва 4.9-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 12.04.2024 қарори сазовор донистани Ибодов Аваз Ҳасанович бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд (1 нафарашон тариқи маҷозӣ), аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» - 14 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**12 апрели соли 2024.**